Ба Шурои диссертатсионии 6Б.КОА-012
назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
(734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2)

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Досиев Маҳмадшоҳ Назарович дар мавзӯи «Идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз": назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ пешниҳод карда шудааст.**

Дар шароити иқтисоди бозорӣ ва ташаккули мунтазами иқтисоди "сабз" барои таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар аз ҳисоби истеҳсоли аз ҷиҳати экологӣ тоза дар солҳои наздик тамоми субъектҳои соҳибкорӣ бояд кӯшиш намоянд, ки талаботи аҳолии кишварро дар аксари қишрҳои бозорҳои озуқаворӣ бо роҳи зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ ва расонидани хизматрасониҳои дахлдор қонеъ созанд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист», асосан зарурати таҳия ва татбиқи сиёсати давлатиро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, ки ҳалли мутаносиби масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ҳифзи муҳити зист, гуногунии биологӣ ва табииро таъмин менамояд, нишон медиҳад, ки ин ба раванди татбиқи иқтисоди "сабз" дар кишвар мусоидат менамояд.

Дар робита ба ин фаъолияти соҳибкории экологӣ ва идоракунии рушди он, ки яке аз омилҳои татбиқкунандаи принсипҳои иқтисоди "сабз" ба шумор меравад, дар шароити кунунӣ масъалаи ҳалталаб маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии ба тақриз пешниҳодгардида дорои аҳамияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Аз автореферати диссертатсия мушоҳида карда мешавад, ки навгониҳои илмии таҳқиқот аз заминаи назариявӣ-методӣ, омилҳои таъсиррасон ба рушди соҳибкории экологӣ ва тавсияҳои амалӣ иборат мебошад, ки барои такмили идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз" мусоидат менамояд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшуда ба сатҳи мукаммалгардонии назария ва амалияи идоракунии рушди соҳибкории экологӣ, мусоидат намуда, раванди ташаккул ва татбиқи иқтисоди "сабз"-ро дар кишвар ривоҷ медиҳад. Натиҷаҳои илман асоснокгардидаи таҳқиқот метавонад барои таҳлил ва баҳогузорӣ намудани ҳалати идоракунии рушди соҳибкории экологӣ ва

татбиқи принсипҳои иқтисоди “сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шавад.

Муаллифи автореферат дуруст қайд намудааст, ки дар ҷаҳони муосир, ки мушкилоти тағйирёбии иқлим ва бухрони экологӣ вусъат ёфта истодааст, нақши соҳибкорони экологӣ дар ҷустуҷӯ ва татбиқи қарорҳои инноватсионӣ, ки ба рафъи оқибатҳои манфии фаъолияти иқтисодию истеҳсолӣ нигаронида шудаанд, муҳим мегардад (саҳ.21). Инчунин, аз ҷониби муаллиф сохтори механизми идоракунии рушди соҳибкории экологӣ пешниҳод гардидааст ва он нишон медиҳад, ки тамоми сохтори иқтисодиёт, механизми идоракунии муҳити зистро низоми муайяне фаро гирифтааст. Мазмуни асосиро маҳз механизми иқтисодии идоракунии соҳибкории экологӣ муайян мекунад.(расми 3,саҳ. 23)

Яке аз бартариҳои автореферати тақризшаванда дар он аст, ки муаллиф бо истифодаи маълумоти дақиқи оморӣ тавонистааст ҳолати муосири фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намуда, мушкилоти асосии дар ин самт мавҷударо ошкор ва барои ҳалли онҳо тавсияҳои мушаххаси амалӣ пешниҳод намояд.

Ба андешаҳои муаллиф розӣ шудан мумкин аст, зеро қайд менамояд, ки яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти истеҳсолии соҳибкории экологӣ тадриҷан даст кашидан аз истифодаи сӯзишвории истихроҷшаванда ба манбаъҳои барқароршавандаи энергия: энергияи офтоб, энергияи бод, энергияи ҷараёни об, обанборҳои табиӣ ва сунъӣ, энергияи обҳои гарми зеризаминӣ, энергияи чӯб, биомассаҳо дар шакли партовҳои саноатӣ, кишоварзӣ, ҷангал, хоҷагии коммуналӣ ва рӯзгор. Самти дигари рушди соҳибкории экологӣ рушди кишоварзии органикӣ ба ҳисоб меравад, зеро заминаи меъёрӣ оид ба кишоварзии органикӣ асосан ташаккул наёфтааст. Ин самти рушди соҳибкории экологӣ пешгирии талафоти об ва нигоҳ доштани қобилияти ҳосилхезии замин дар назар дошта шудааст (саҳ. 35).

Дар маҷмуъ, чуноне ки аз автореферат маълум гардид, диссертатсия дар мавзуи хело мубрам анҷом дода шудааст ва ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ мебошад. Вобаста ба ҷиҳатҳои мусбии зикршудаи автореферат чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии Досиев М. Н. таҳқиқоти мустақил ва дар сатҳи зарурӣ таълифгардида ба шумор меравад.

Матни автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошад.

Дар автореферат дар баробари нуктаҳои муфиди аҳамияти илмию таҳқиқотидошта, баъзе камбудӣ ва нуқсонҳо низ ба назар мерасад:

1. Агар муаллиф моҳият ва аҳамияти механизми идоракунии рушди устувори соҳибкории экологиро (расми 3, саҳ. 23) шарҳу тавзеҳ медод, қиммати илмии диссертатсия боз ҳам баландтар мешуд.
2. Дар матни автореферат баъзе мафҳумҳои баҳсталаб нисбати идоракунии рушди соҳибкории экологӣ ва раванди ташаккули иқтисоди “сабз” ба чашм мерасад.

Бояд зикр намуд, ки камбудиҳои мазкур ҷузъӣ буда, мазмун ва моҳияти авторефератро тағйир намедиҳанд.

Бояд хулоса баровард, ки сохтори автореферати диссертатсияи Досиев Маҳмадшоҳ Назарович дар мавзӯи «Идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз": назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) сазовор мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
профессори кафедраи
«Молия ва қарз”-и Донишгоҳи
Славянии Россия ва Тоҷикистон Султонов З. С.

Суроға: 734025, Ҷумҳури Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Мирзо Турсунзода 30, тел. +992 935202870

Имзои З. С. Султонов-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Раҳимов А. А.

УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ